# Андозҳо барои захираҳои табиӣ

Андозҳо барои захираҳои табиӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ (бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ, роялти барои истихроҷ);
- роялти барои об. (м.236 КА ҶТ)

1. Меъёрҳои роялти барои истихроҷи маъданҳои фоиданоки маъмул ба андозаи зерин муқаррар карда мешаванд:

| № | Номгӯи маъданҳои фоиданоки маъмул | Меъёрҳо (бо % аз манбаи андоз) |
|---|---|---|
| 1. | Рег (ба ғайр аз реги қолибрезӣ, шишасозӣ барои саноати чиниворию фаянсӣ ва сементбарорӣ) | 10 |
| 2. | Реги қолибрезӣ, шишасозӣ барои саноати чиниворию фаянсӣ ва сементбарорӣ | 7 |
| 3. | Омехтаи регу шағал | 10 |
| 4. | Гил (ба ғайр аз гили оташбардор, мушкилгудоз, қолибрезӣ барои саноати чинисозию фаянсӣ ва сементбарорӣ, флоридонӣ, рангрезӣ, бентонитӣ, кислотабардор ва каолин (сафедгил)) | 6 |
| 5. | Гили оташбардор, мушкилгудоз, қолибрезӣ барои саноати чиниворию фаянсӣ ва сементбарорӣ, флоридонӣ, рангрезӣ, бентонитӣ, кислотабардор ва каолин (сафедгил) | 5 |
| 6. | Гилхок (ба ғайр аз гилхоки саноати сементбарорӣ) | 6 |
| 7. | Гилхок барои саноати сементбарорӣ | 5 |
| 8. | Санги бинокорӣ | 5 |
| 9. | Регсанг (ба ғайр аз битуминоз, рӯйбаст, динас ва барои саноати шишабарорӣ) | 7 |
| 10. | Регсанги битуминоз, рӯйбаст, динас ва барои саноати шишабарорӣ | 4 |
| 11. | Бӯр | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| 12. | Квартсит (ба ғайр аз бӯтахишт, флюсӣ, рӯйбаст, оҳандор барои истеҳсоли карбиди силитсий, силитсийи булӯрини хӯлаи оҳан) | 6 |
| 13. | Квартсити буттахишт, флюсӣ, рӯйбаст, оҳандор барои истеҳсоли карбиди силитсий, силитсийи булӯрини хӯлаи оҳан | 5 |
| 14. | Доломит (ба ғайр аз битумнок ва барои саноати сементбарорӣ) | 6 |
| 15. | Доломити битумнок ва барои саноати сементбарорӣ | 5 |
| 16. | Мергел (ба ғайр аз битумнок ва барои саноати сементбарорӣ) | 7 |
| 17. | Мергели битумнок ва барои саноати сементбарорӣ | 5 |
| 18. | Оҳаксанг (ба ғайр аз битумнок, рӯйбаст, хока барои саноати сементбарорӣ, металлургӣ, кимиёвӣ, шишабарорӣ, селлюлозаю коғазбарорӣ ва қандистеҳсолкунӣ, инчунин барои истеҳсоли гилхок) | 6 |
| 19. | Оҳаксанги битумнок, рӯйбаст, хока барои саноати сементбарорӣ, металлургӣ, кимиёвӣ, шишабарорӣ, селлюлозаю коғазбарорӣ ва қандистеҳсолкунӣ, инчунин барои истеҳсоли гилхок | 5 |
| 20. | Оҳаксанги ковок (ба ғайр аз оҳаксанги рӯйбаст ва ороишӣ) | 6 |
| 21. | Мармар ва оҳаксанги ковоки рӯйбаст ва ороишӣ | 5 |
| 22. | Варақсанг (ба ғайр аз варақсанги сӯзанда ва бомпӯшӣ) | 6 |
| 23. | Варақсанги сӯзанда ва бомпӯшӣ | 5 |
| 24. | Аргиллитҳо ва алевролитҳо | 5 |
| 25. | Ҷинсҳои магмаӣ, вулқонӣ ва ҷинсҳои метаморфозӣ (ба ғайр аз ҷинсҳои рӯйбаст, ороишӣ, барои истеҳсоли маводи оташбардор ва кислотабардор, сангрезӣ ва пахтаи минералӣ, ба ғайр аз маводе, ки барои истифода дар саноати сементбарорӣ муносибанд) | 6 |
| 26. | Ҷинсҳои магмавӣ, вулқонӣ ва ҷинсҳои метаморфозӣ, рӯйбаст, ороишӣ, барои истеҳсоли маводи оташбардор ва | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| | кислотабардор, сангрезӣ ва пахтаи минералӣ, инчунин барои истифода дар саноати сементбарорӣ муносиб | |
| 27. | Гаҷ | 5 |

2) Меъёрҳои роялти барои истихроҷи обҳои зеризаминиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3) Меъёрҳои роялти барои истихроҷи маъданҳои фоиданок, ба истиснои онҳое, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

| № | Номгӯи маъданҳои фоиданок | Меъёрҳо (бо фоиз аз манбаи андоз) |
|---|---|---|
| 1. | Нафт, конденсати газ ва гази табиӣ | 6 |
| 2. | Ангишт ва торф | 4 |
| 3. | Металлҳои сиёҳ (оҳан, манган, хром, ванадий) | 4 |
| 4. | Металлҳои ранга ва нодир (мис, сурб, руҳ, қалъагӣ, никел, кобалт, молибден, симоб, сурма, висмут, кадмий, алюминий, стронсий, титан, сирконий, литий, волфрам, тантал, ниобий ва ғайра) | 6 |
| 5. | Маъданҳои фоиданоки пошхӯрда | 9 |
| 6. | Металлҳои асил (тилло, нуқра, платиноидҳо) | 6 |
| 7. | Сангҳои қиматбаҳо | 8 |
| 8. | Сангҳои ранга (зинатӣ) ва/ё ашёи хоми пйезооптикӣ | 8 |
| 9. | Ашёи хоми радиоактивӣ | 5 |
| 10. | Ашёи хоми кӯҳии кимиёвӣ ва обҳои гарм | 5 |
| 11. | Ашёи хоми маъдани кӯҳӣ (консентрат) ва/ё ашёи хоми ғайримаъданӣ барои металлургия | 5 |
| 12. | Дигар маъданҳои фоиданоке, ки дар ҳамин љадвал, инчунин дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нишон дода нашудаанд | 3 |

| | | |
|---|---|---|
| 13. | Металлҳои ранга ва нодир (мис, сурб, руҳ, қалъагӣ, никел, кобалт, молибден, симоб, сурма, висмут, кадмий, алюминий, стронсий, титан, сирконий, литий, волфрам, тантал, ниобий ва ғайра), металлҳои асил (тилло, нуқра, платиноидҳо), ки аз партовҳои корхонаҳои саноати кӯҳӣ истихроҷ мегарданд | 0,5 |